Дар чаласаи навбатии рохбарони низомии давлатхои узви Созмони Хамкории Шанхай вазирони мудофиаи Чумхурихои Точикистон, Казокистону Киргизистон, Чумхурии мардумии Чин, Федератсияи Россия ва муовини якуми вазири мудофиаи Чумхурии Узбекистон ширкат намуданд.



Дар чаласа вазирони мудофиа масоили умдаи густариши хамкорихои бисёрчонибаи харбиро баррасӣ намуда, оид ба натичахои он карорхои дахлдор кабул намуданд. Иштирокчиёни чаласа, инчунин бобати накшаи хамкорӣ дар халли масоили марбут ба тахдидхои эхтимолӣ ба амнияти минтакавию чахонӣ, роххои имконпазири хамкорихои низомӣ ва густариши муносибатхои самарабахши харбӣ-техникиро дар доираи Созмони Хамкории Шанхай мавриди баррасӣ карор доранд. Диккати асосӣ бахри бехтар намудани табодули иттилооту тачриба, ташкили машкхои васеи низомӣ ва дигар масоили хамкорихои харбӣ равона карда шуд.





Дар ин замина тайёрии хамачониба ба ташкилу баргузории машкхои муштараки зиддитеррористии Ситодӣ-фармондехӣ, ки он дар мубориза алайхи се зухуроти номатлуб, терроризм, экстремизм ва сепаратизм нигаронида шуда, тахти унвони «Рисолати сулхчӯёна-2016» чараён мегирад, марок зохир карда шуд.Дар идомаи чаласа вазирони мудофиа бо назардошти доман пахн кардани тахдиди хатархои террористиву экстремистӣ ва ифротгароӣ ба масоили тахкими хамкорихои бисёрчониба бахри муътадил нигох доштану таъмин намудани амнияти минтакавию чахонӣ назари ягона зохир намуда, бобати боз хам мустахкам намудани хамохангии доимӣ бахри пойдории сулху субот, омодагӣ дар мубориза муштараки зиддитеррористӣ ва оид ба дигар

масъалахои амниятӣ  мубодилаи афкор намуданд.

Дар охир вобаста ба масъалахои баррасигардида ва умуман натичахои кори чаласа рохбарони вазоратхои мудофиаи давлатхои аъзои Созмони Хамкории Шанхай изхороти муштаракро ба имзо расониданд.